«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба
номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
_______________ Сафарзода М.В.
«__» ________ соли 2025

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Қурбонов Вафо Намозалиевич дар мавзуи «Таваррум ва роҳҳои пешгирии таъсири манфии он ба рушди иқтисодиёт» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз)**

**1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст**

Диссертатсия Қурбонов Вафо Намозалиевич дар мавзуи «Таваррум ва роҳҳои пешгирии таъсири манфии он ба рушди иқтисодиёт» дар ҳақиқат ба бандҳои зерини 8.4, 8.7, 8.10, 8.11, 8.12—и дар заминаи шиносномаҳои ихтисосҳои соҳаи илмҳои иқтисодӣ (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, №6) аз рӯйи ихтисоси 6D050900 –Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), мутобиқ мебошад.

**2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия**

Дар шароити пурзӯр шудани равандҳои интегратсионӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ мушкилоти нави иҷтимоию иқтисодӣ ба миён меоянд. Ҳалли ин мушкилот таҳқиқот ва равишҳои махсуси илмиро талаб мекунад. Ба ин муносибат ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли мушкилоти таваррум махсусан муҳим мегардад. Истисно нест, ки дар баробари тезу тунд шудани равандҳои ҳамгирой механизми таваррум мураккабтар ва омилҳои он гуногунтар мешаванд. Муаммои таваррум, ки хеле мураккаб аст, инчунин хусусияти хос дорад, ки вобаста ба тағйироти ба вуҷудомада дар низоми иқтисодӣ табдил меёбад. Ин чунин маъно дорад, ки барои самаранок ҳалли муаммои таваррум пайваста таҳлил ва омӯхтани таъсири он ба иқтисодиёт ва ҷомеа, таҳияи равиш ва механизмҳои нави танзими он зарур аст.

Зикр кардан ба маврид аст, ки таваррум дар рушди иқтисодиёт метавонад таъсири худро гузорад. Мушоҳида мегардад, ки бештар дар иқтисоди милли кишварҳо таъсири манфии таваррум ҳис карда мешавад. Аз ин лиҳоз, таҳқиқотчиён бояд роҳҳои пешгирии таъсири манфии таваррумро ҷустуҷӯ кунанд. Дар иқтисоди кушод омилҳои таваррумро метавон ба ду категория тақсим кард: берунӣ ва дохилӣ. Дараҷаи таъсири омилҳои беруна

ба равандҳои таваррум аз он вобаста аст, ки кишвар дар раванди ҷаҳонишавии иқтисоди ҷаҳон то чи андоза иштирок дорад, яъне то чӣ қадар аз лиҳози иқтисодӣ ё сиёсӣ бо дигар кишварҳо робита дорад. Ин алоқа ҳар қадар зиёд бошад, таъсири омилҳои беруна ба равандҳои дохилии таваррумӣ ҳамон қадар пурзӯртар мешавад. Бояд ба назар гирифт, ки омилҳои таварруми дохилӣ метавонанд бевосита ба сиёсати пулию қарзии Бонки марказӣ алоқаманд бошанд. Масалан, фоизи паст метавонад қарздиҳӣ ва истеъмолро ҳавасманд кунад, ки дар навбати худ метавонад боиси зиёд шудани талабот аз пешниҳод ва болоравии нархҳо гардад.

Дар ташаккули заминаи таваррум дар дохили кишвар номуайянӣ дар бозорҳои байналмилалӣ ва тағйирёбии нархи ашёи хом низ нақши муҳим доранд. Таконҳои беруна метавонанд ба таври ғайричашмдошт ба талабот ва пешниҳоди дохилӣ таъсир расонанд, ки дар навбати худ ба сатҳи таваррум таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, муҳим аст, ки сиёсати иқтисодӣ чандир бошад ва қодир ба шароитҳои зудтағйирёбанда ҳам дар дохили кишвар ва ҳам берун аз он ҷавоб диҳад.

Бо назардошти мушкилоти ҷойдошта, диссертатсияи Қурбонов Вафо Намозалиевич меҳнати анҷомёфтаи илмии тахассусӣ мебошад, ки роҳи ҳалли нави як масъалаи таъхирнопазири илмиро ифшо намудааст.

Омӯзиши нокифояи мушкилоти назариявӣ ва методологии марҳалаҳои бавуҷудоии таваррум дар шароити иқтисодиёти муосир муҳиммияти интихоби мавзуи таҳқиқи илмӣ, ҳадаф ва вазифаҳои онро нишон медиҳад.

**3. Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо)**

Аз нигоҳи мо унсурҳои навгониҳои таҳқиқи диссертатсионӣ, ки муаммоҳои илмии аз тарафи муҳаққиқ гузошташударо хеле саҳеҳ тавсия медиҳанд, чунинанд:

1. Дар диссертатсия таҳқиқи ҷанбаҳои назариявию методологии заминаҳои пайдоиши таваррум дар асоси сарчашмаҳои илмӣ ва назарияҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, хусусиятҳои зоҳиршавӣ, омилҳои таъсиррасон ба раванди таваррум, пешниҳод гардидааст;

2. Дар асоси таҳқиқу омӯзиш ва арзёбии масъалаи мазкур таъсири омилҳои таъсиррасон ба вазъи таваррум бо пайвастагии иқтисодиёт таҳқиқ гардидааст. Ҳамзамон, дар рисола шаклгирӣ ва афзоиши таваррум ва таъсири он ба макроиқтисодӣ ва самаранок истифодабарии он пешниҳод шудааст;

3. Мавриди зикр аст, ки унвонҷӯ дар кори диссертатсионии худ аз таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ истифода карда, хосиятҳои зоҳиршавии таваррум, заминаҳои бавуҷудоии он ошкор гардида, тартиби идоракунии он вобаста ба иқтидорҳои иқтисодӣ роҳҳои ташкилу самтҳои афзалиятноки фаъолияти онҳоро таҳқиқ намудааст. Дар асоси ин таҳқиқҳо роҳу усулҳои

дар амал татбиқ намудани таҷрибаи пешрафтаи онҳоро барои пешгирии таъсири манфии таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия намудааст;

4. Дар кори пажуҳишӣ муҳаққиқ бо истифода аз факту далелҳои илмӣ, маълумоти оморӣ, сиёсати пулию қарзӣ дар ҳамбастагӣ бо нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, тағйирёбии васеи ҳаҷми пул, суръати афзоиши пули нақд сатҳи болоравии нархҳо мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор дода шудааст;

5. Дар диссертатсия раванди амалии сиёсати идоракунии таваррум вобаста ба нигоҳ доштани мувозинати рушди иқтисоди иқтисодиёти Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод гардидааст, ки дар ҳолатҳои тағйирёбанда будани вазъияти иқтисодиёти ҷаҳон, сиёсатҳои гуногуни боздорандагии таваррумро истифода намуда, таъсири манфии онро ба иқтисодиёт коҳиш медиҳанд. Аз ҷониби муҳаққиқ роҳҳои татбиқи сиёсати идоракунии таваррум дар доираи имкониятҳои мавҷуда дар асоси имкониятҳои имконпазир пешниҳод гардидаанд;

6. Дар хотимаи рисолаи илмӣ унвонҷӯ тавсия ва пешниҳодоти аз нигоҳи илмӣ асоснокшударо таҳқиқ карда, натиҷагирӣ менамояд, ки бо баланд гардидани имкониятҳои мавҷудаи кишвар, ки асоси муваффақиятҳои онро дар ҳама ҳолат иқтидорҳои иқтисодии давлат ва дигар имкониятҳои дар дастдоштаи онҳо ташкил медиҳад, раванди идоракунии сиёсати таваррумӣ дар алоқамандӣ бо сиёсати пулию қарзӣ муайян гардида, он бо як қатор коркардҳои муаллифӣ асоснок карда шудааст.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ, хулосаҳо оид ба интихоби усулҳо дар раванди таҳлилу таҳқиқи мавзуъ, микдори зарурии маводе, ки дар ҷараёни таҳқиқ истифода шудааст, эътимоднокии манбаъҳои иттилоотии ҷамъовардашудаю коркардшуда оид ба мавзуи мазкур, бо тасдиқи муқаррароти илмии пешниҳодкардаи муаллиф, ки дар рисолаи диссертатсионӣ мавҷуданд, инчунин, нашрияҳо тасдиқ карда мешаванд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва эмприкӣ пешниҳод гардидаанд.

**5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

Аҳаммияти илмию амалии таҳқикро натиҷаҳои илмӣ ва амалии пажуҳиши чандинсолаи муаллиф оид ба коркардҳои натиҷавии заминаҳои бавуҷудоии таваррум ва дигар нишондиҳандаҳои ба ин баробар дар бар мегиранд. Муқаррароти илмӣ ва тавсияҳои амалии дар кори диссертатсионӣ таҳияшуда имкон медиҳанд, ки дар сатҳи нисбатан баланди илмӣ ва методӣ, ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии ҳолати муосири зоҳиршавии таваррум ва занҷираи таъсири он ба бахшҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалли ҳамаҷонибаи худро ёбанд. Баъзе коркардҳои илмии натиҷагиришудаи диссертатсияро дар ҷараёни таълим, зимни тадриси фанҳои таълимии «Фаъолияти бонкӣ», «Пул, қарз ва бонк», «Танзими асъор ва назорати асъор», «Бозори асъор», дар факултетҳои иқтисодии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат истифода бурдан мумкин аст.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқи диссертатсионӣ** аз он иборат аст, ки оид ба ҷиҳати нигоҳ доштани мувозинати таваррум ва истифодаи сиёсати зиддитаваррумӣ, новобаста аз тағйирёбанда будани вазъияти иқтисодии давлат, усулҳо ва сиёсатҳои муосири танзимнамоии таваррум дар шароити имрӯза бо таҳияи накша чорабиниҳо оид ба пешгирии омилҳои манфии таваррум ва дар ин самт пешниҳодҳо сурат гирифтаанд. Нуктаҳои асосии илмии диссертатсияро метавон ба сифати асоснокии назариявӣ-методологии таҳқиқи минбаъда ва роҳҳои пешгирии таъсири манфии таваррум истифода бурд. Ҳангоми баррасии мавзуъ муаллиф ба равияҳои консептуалӣ, ки дар монографияҳои илмӣ, маводи конференсияҳои илмӣ-амалӣ, ҳисоботи илмии марказҳои намоёни илмӣ баён гардидаанд, инчунин, ба қонунҳо, стратегияву барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон такя намудааст.

**6. Мазмуни кори диссертатсионӣ**

**Дар муқаддима** мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқ асоснок карда шуда, тавсифи умумии таҳқиқ таҳия гардида, нуқтаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия ва истифодаи натиҷаҳои он кушода шудаанд.

**Боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявӣ ва методологии марҳалаҳои бавуҷудоии таваррум»** ном гирифта, заминаҳои назариявӣ ва методологии пайдоиши таваррум дар иқтисодиёт, хусусиятҳо ва ҷараёнҳои тағйирпазирии таваррум ва таъсири он ба сатҳи иҷтимоию иқтисодӣ, танзими таваррум ва пешбурди сиёсати зиддитаваррумӣ дар кишварҳои хориҷӣ, мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода шудааст (саҳ. 17-52).

Дар зербоби 1.1. диссертатсия аз нигоҳи унвонҷӯ дар шароити муосир, бешубҳа, таваррум беистисно, маънои якбора баланд шудани нархи ҳамаи молҳоро надорад, зеро то зоҳиршавии он ҳамчун падидаи таъсиррасон ба сатҳи иҷтимоию иқтисодӣ чанд марҳала паси сар мегардад (саҳ. 19).

Муаллиф иброз медорад, ки дар сатҳи иқтисодиёт таваррум - ин беқурбшавии пул, паст шудани қобилияти харидорӣ, вайрон шудани мувозинати талабот ва таклифот мебошад. Ва ё таваррум ин ҳодисаи мураккаби бисёромилаи вайроншавии ҷараёни истеҳсолӣ буда, хусусияти хоси иқтисодиро дар муомилоти пули коғазӣ тавсиф мекунад (саҳ. 26).

Дар зербоби 1.2 диссертант хусусиятҳо ва ҷараёнҳои тағйирпазирии таваррумӣ ва таъсири онро ба сатҳи иҷтимоию иқтисодӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, иброз медорад, ки тибқи таҳаввулоти иқтисодӣ, заминаҳои бавуҷудоӣ ва рушди бемайлони таваррумро дар ҷамъият аз рӯйи якчанд хусусият баҳо медиҳанд ва ҳолатҳои бавуҷудоии онро бо назардошти ҳимояи

манофеи иқтисодӣ дар сатҳи зарурӣ идора менамоянд. Вобаста ба ин, дар сатҳи иқтисодиёт таваррумро вобаста ба суръати болоравӣ ба чор гурӯҳи асосӣ ҷудо мекунанд: таварруми паст, таварруми муътадил, таварруми ҷаҳанда ё баланд, таварруми аз эътидол зиёд (саҳ. 31).

Таҳқиқи муаллиф нишон дод, ки таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти идораи босамари таваррум аз он иборат мебошад, ки имрӯз ҳадафгирии таваррум мақсади асосии давлат ва сохторҳои алоҳидаи давлатӣ ва ғайридавлатӣ мебошад, ки ҳадафи он нигоҳ доштани меъёри бехатари таваррум ё дарозамала будани индекси бетағйири нархҳо мебошад.

Дар зербоби 1.3 муҳаққиқ зимни пажуҳиши худ оид ба таҷрибаи хориҷӣ оид ба танзими таваррум ва пешбурди сиёсати зиддитаваррумӣ дар кишварҳои хориҷӣ таҳқиқ бурда, муайян карда аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути Бонки миллии Тоҷикистон яке аз ҳадафҳои асосие, ки таваррумро дар сатҳи зарурӣ танзим менамояд ин суботи нархҳо мебошад. Вобаста ба ин гуфтаҳо ва зарурияҳои мавҷуда сатҳи муътадили таваррум ҳамчун омили муҳимми рушди устувори иқтисодиёт барои таъмини суботи иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ аҳаммияти хосса дорад (саҳ. 41).

**Боби дуюми диссертатсия «Таҳлили вазъи таваррум ва танзими он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** унвон гирифта, дар он таҳлили вазъи таваррумӣ ва сиёсати пулию қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, оқибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии болоравии таваррум ва механизмҳои паст кардани шиддати таъсири манфии он, масъалаҳои муҳимми зоҳиршавии таваррум ва занҷираи таъсири он ба бахшҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор дода шудаанд (саҳ. 53-96).

Дар зербоби 2.1 диссертатсия муаллиф ҳангоми таҳлилҳо муайян кардааст, ки болоравии сатҳи таваррум бошад, дар иқтисодиёти имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти ғайрипулӣ дошта, ба ҳисоби миёна дар давраи таҳлилӣ 6,7 %-ро ташкил медиҳад. Ғайр аз ин, аз таҳлили маълумоти мазкур бармеояд, ки агар суръати афзоиши ҳаҷми пули накди берун аз бонкҳо дар соли 2014- 4,6%-ро ташкил намуда бошад, пас, ин нишондиҳанда дар соли 2022 -41,9%-ро ташкил намудааст, ки мутаносибан дар муқоиса ба соли 2014 37,3% афзоиш ёфтааст (саҳ. 60).

Дар зербоби 2.2. муаллиф дар ҷадвали 2.1. муайян кардааст, ки сатҳи таваррум дар сатҳи маҳсулоти хӯроквориӣ соли 2017 7,5%-ро ташкил менамояд, ки ҳамин нишондиҳанда дар соли 2022 ба 4,2 % баробар гардидааст ва ин аз рӯйи нишондиҳандаҳо ба андозаи 3,3 банди фоизӣ кам гардидааст. Ҳол он ки ин нишондиҳанда дар соли 2020 9,4% ва дар соли 2021 8,0%-ро ташкил медод. Сатҳи таваррум аз ҳисоби маҳсулоти ғайрихӯроквориӣ бошад, соли 2017 агар 4,4%-ро ташкил намояд, пас ин меъёр дар соли 2022 3,2%-ро ташкил додааст, ки дар муқоиса ба соли таҳлилшаванда - 1,2 банди

фоизӣ коҳиш ёфтааст ва албатта ин коҳишёбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол идома дорад (саҳ. 69). Ҳамзамон, зимни таҳлилҳои ҷадвали 2.3. бармеояд, ки ҳамоно дар таркиби таваррум ҳиссаи омилҳои дохилии таваррум зиёд мебошад. Қайд кардан зарур аст, ки соли 2017 сатҳи таваррум аз ҳисоби маҳсулоти воридотӣ 3,8%-ро ташкил намуда бошад, ин меъёр дар соли 2022 2,4% баробар гардидааст, ки дар муқоиса ба соли 2017 ба андозаи -1,4 банди фоизӣ кам мебошад (саҳ. 73).

Дар зербоби 2.3. диссертант дуруст иброз медорад, ки дар сатҳи муносибатҳои иқтисодӣ ба сатҳи таварруми пул ва мол омилҳои дохилӣ ва берунӣ таъсир мерасонанд. Фарогирии омилҳои дохилӣ ба омилҳои пулӣ ва ғайрипулӣ ифода карда мешаванд, ки онҳо хосиятҳои гуногуни умумииқтисодӣ доранд. Вобаста ба баррасӣ ва арзёбиҳои таъсири аломатҳо ва омилҳои пулӣ, пеш аз ҳама, вазъи замонии касри буҷети давлатӣ, бемайлон зиёдшавии қарзи давлатӣ, чопи нақшавии пул (эмиссия), эмиссияи барзиёди пул дар муомилот беназардошти талаботи иқтисодӣ ва сатҳи дастрасӣ ба онҳо, афзоиши ҳаҷми қарз дар иқтисодиёт ва иҷтимоиёти мамлакат ба соҳаҳои ғайрииқтисодиро дар бар мегирад (саҳ. 81).

**Боби сеюми диссертатсия «Масъалаҳои асосии идоракунии таваррум дар шароити муосир»** ном гирифта, дар он муаммоҳои муосири сиёсати пулию қарзӣ ва алоқамандии он бо таваррум, таҳлили бахши воқеии иқтисодиёт ва таъсири он ба сатҳи таваррум ва қурби пули миллӣ, ҳадафгирии таваррум ва роҳҳои дар амал татбиқ намудани он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода шудааст (саҳ. 78-108).

Дар зербоби 3.1 муаллиф исбот кардааст, дар таҷрибаи рушди иқтисодӣ давлатҳои дунё асосан буҳронҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва молиявиро аз сар гузаронидаанд, ки ин масъалаҳо дар сатҳи нигоҳ доштани мувозинати суботи ҷомеа нақши муҳим ва зарурӣ доранд. Вобаста ба ин, давлатҳои алоҳида пайваста кӯшиш менамоянд, ки ба ин масъалаҳои муҳимми ҳаёти ҷомеа аҳаммияти аввалиндараҷа дода, мувозинати рушди ҳаматарафаи худро барои суботи ҷомеа нигоҳ доранд (саҳ. 96). Дастгирии бахши воқеии иқтисодиёт мутаносибан метавонад, аз як тараф, пеши роҳи болоравии нархҳоро гирад, аз дигар тараф, тавассути фароҳам овардани шароит сатҳи талаботро дар ҳама шароит нигоҳ дорад.

Ҳангоми таҳқиқи зербоби 3.2. муаллиф иброз медорад, ки сиёсати иқтисодии давлат дар доираи худ ҳамаи он масъалаҳоеро, ки бевосита ба нигоҳ додани мувозинатҳои рушд бо назардошти мувозинати таваррум, суботи иқтисодӣ, рушди нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ба онҳо аҳаммияти зарурӣ медиҳад. Проблемаҳои бауҷудомада дар самти сиёсат, иқтисодиёт ва иҷтимоиёт боиси он гардид, ки як қатор мушкилоти мавҷуда ҳал гардида, дар самти рушди иқтисодиёти ва дигар бахшҳои муҳимми

давлатӣ ислоҳоти ҷиддӣ ворид гардида, ин бахшҳо бояд рушд дода шаванд (саҳ. 109).

Дар зербоби 3.3. зимни таҳлили диаграмаи 3.1. маълум гардид, ки бо дарназардошти таъсири хавфҳои эҳтимолии ҷойдошта ва бетағйир мондани дигар омилҳо дурнамои сатҳи таваррум барои соли 2023 аз рӯйи сенарияҳои оптимистӣ ва базавӣ дар доираи ҳадафи муқарраршуда дар чанд соли охир ба таври мутавозин вобаста ба ҳолати воқеӣ, меъёри ҳадаф ва ҳудудҳои поёнию болоӣ дар соли 2023 ба ҷои меъёри максималии сатҳи поён ва боло тамоили баръаксро касб намуда, -2 б\ф коҳиш ёфтааст. Дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати меъёрӣ- ин сиёсати мувофиқ ба имконият ва иқтидори иқтисодии кишвар мебошад, ки айни замон, амали он ба манфиати ҷомеа ва субъектҳои иқтисодӣ мебошад (саҳ. 124).

Дар қисмати хулосаи диссертатсия пешниҳод натиҷаҳои асосии таҳқиқ ҷамъбаст ва дар асоси онҳо тавсияҳои дахлдор ироа гардидаанд.

**7. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмии дархостшаванда.** Чуноне аз шиносоӣ бо муҳтавои асноду мадорики пешниҳоднамудаи унвонҷӯ бармеояд, тахассуси илмии ӯ ба дараҷаи илмии дархостнамудааш мутобиқат менамояд. Довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), Қурбонов Вафо Намозалиевич мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои илмии бадастовардаи муаллифи диссертатсия ба тахассуси илмии довталаби дараҷаи илмӣ ва талабот ба чунин намуди корҳо мувофиқат мекунанд. Ҳангоми тавсифи довталаб ба ҳайси корманди илмӣ сифатҳои шоистаи ӯро, чун донишомӯзӣ, қатъият, масъулиятшиносӣ, қобилияти дар сатҳи баланд ташкил кардани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, мустақилона қабул намудани қарорҳо ва муайян кардани роҳҳои расидан ба ҳадаф ва вазифаҳои гузошташуда махсус бояд таъкид кард.

**8. Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он**

Ҳамаи даврaҳои иҷроиши нақшаи кори илмӣ, таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузоштащуда ва иҷрои вазифаҳо аз ҷониби муаллиф ба анҷом расонида шудааст. Дар ҷараёни таҳқиқ муаллиф тавсеаи назарияи методологии идоракунии таваррум дар шароити муосир ва механизми коркарди онро таҳия намудааст.

**9. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба шаклгирии диссертатсия**

Дар баробари муваффақиятҳо дастоварду пешниҳодҳои дақиқи илмӣ, дар кори диссертатсионӣ баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқоти ояндаи диссертант аз аҳаммият холӣ нестанд:

1. Қисмати мубрамияти мавзуи таҳқиқро бисёр ба маврид мебуд, аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва дигар барномаҳои давлатии соҳавӣ асоснок мекард;

2. Муаллиф дар зербоби 1.1. ақидаҳои олимон ва муҳаққиқони ватанию хориҷиро оид ба заминаҳои назариявӣ ва методологии пайдоиши таваррум дар иқтисодиёт, тавассути иқтибосҳо аз сарчашмаҳои илмӣ нишон додааст, вале на дар ҳама ҳолатҳо фикри худро доир ба иқтибосҳои овардашуда пурра манзур кардааст;

3. Дар зербоби 1.3. муаллиф роҷеъ ба танзими таваррум ва пешбурди сиёсати зиддитаваррумӣ дар кишварҳои хориҷиро таҳқиқ кардааст, аммо норавшан аст, ки таҷрибаи кадом давлат ба Ҷумҳурии Тоҷикистон хос аст;

4. Диссертант дар зербоби 2.1. оиди таҳлили воъеи таваррум ва сиёсати пулию қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилҳо гузаронида тариқи ҷадвал инъикос кардааст, аммо сабабҳои афзоиш ва ё нишондиҳандаҳо норавшан боқӣ мондааст;

5. Дар диаграмаи 2.2. (саҳ. 57) муаллиф динамикаи тағирёбии нишондиҳандаҳои васеи ҳаҷми пул ва пулҳои берун аз бонкҳо дар солҳои 2012-2022-ро мавриди таҳлил қарор додааст. Агар ба сохтори низоми бонкии кишвар назар афканем, таи солҳои 2021-2022 якчанд муассисаҳое, ки мақоми бонкро доштаанд аз фаъолият боз монданд. Камшавии шумораи чунин бонкҳо оё таъсиргузор ба раванди ҳаҷми пули нақд нест?

6. Бисёр ба маврид мебуд, дар зербоби 3.2. ягон модели математикиро истифода мекард то ин ки модели дурнамои сатҳи таваррум ва қурби пули миллӣ барои якчанд соли оянда таҳия мекард;

**10. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Аз рӯйи мавзуи таҳқиқ 14 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст.

**11. Мувофиқати матни автореферат бо мазмуни диссертатсия**

Автореферат бо мазмуни диссертатсия мувофиқат мекунад. Он дар шакли фишурда мундариҷаи асосӣ ва сохтори диссертатсияро инъикос намуда, асоснокӣ, муҳим будан, навгонии таҳқиқ, аҳаммияти назариявию амалӣ ва хулосаҳои асосии таҳқиқро пурра тавсиф менамояд. Автореферат ва корҳои нашршуда бо мазмун ва муҳтавои бобу фаслҳои рисола, маводи батабърасида (рисолаву дастурҳои таълимӣ, 14 мақола, ки 6 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст), мувофиқ мебошанд.

**12. Хулосаи умумӣ**

Дар маҷмуъ таҳқиқи диссертатсионии Қурбонов Вафо Намозалиевич дар мавзуи «Таваррум ва роҳҳои пешгирии таъсири манфии он ба рушди иқтисодиёт», кори пажуҳишии нав буда, дорои навгониҳои илмии аҳаммияти назариявӣ ва амалидошта мебошад ва яке аз мавзуъҳои нисбатан кам таҳқиқшуда, мубрам ва баҳсталаби доираи илмҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Диссертатсия ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳияи диссертатсияҳои дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, ҷавобгӯ буда, муаллифи диссертатсия Қурбонов Вафо Намозалиевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, мебошад.

Тақриз аз натиҷаи ҷаласаи кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ таҳия шудааст (протоколи № 1 аз 28.08. 2025).

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 16 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳии кушод: «тарафдор» – 16 нафар, «зид» – нест; «бетараф» – нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в., дотсент Комилзода Н.Б.

**Ташхисгар:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсент Вазирзода Д.Р..

**Котиби ҷаласа:**
н.и.и, муаллими калон Сафаров З.А.

«Имзоҳои Комизода Н.Б., Вазирзода Д.Р. ва Сафаров З.А. -ро тасдиқ мекунам»:

**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои**
махсуси ДДК ба номи А. Рӯдакӣ Давлатов М.А.

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16,
Тел.: (+992 8 33 22) 2 35 06; 2 35 07
факс: (+992 8 33 22) 3 35 06
E-mail: info@kgu.tj;
Сомонаи расмӣ: www.kgu.tj